**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна ба таҳқиқу баррасии мабоҳиси алоқаманд ба ҳаёту фаъолият, ваҷҳаи шоирӣ, андешаҳои адабию эстетикӣ, масъалаҳои асосии лирикаи иҷтимоӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода бахшида шудааст.

Аҳаммияти кори диссертатсионии мазкур, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки маводи мавҷуд перомуни ҳаёт ва масъалаҳои эҷодиёти Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи устод Мирзо Турсунзода Рустам Ваҳҳобзода бори аввал дар қолаби диссертатсия таҳқиқ шудааст. Ин мавзуъ дар адабиётшиносии тоҷик мавзуи комилан нав маҳсуб меёбад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст рӯзгор ва фаъолияти эҷодӣ, махсусан, лирикаи иҷтимии Рустам Ваҳҳобзода мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ қарор гирифта, дар он масъалаҳои алоқаманд ба лирикаи иҷтимоии шоир, аз ҷумла ваҷҳаи шоирӣ ва мавқеи адабӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Чунин усули таҳқиқ ва мавзуи нави илмӣ будани он ба унвонҷӯй имкон додааст, ки шеъри Рустам Ваҳҳобзодаро аз дидгоҳи идомабахшандаи гузаштагон будани шоир баррасӣ карда, ҳамзамон, ҷаҳони вижаи андеша ва диди наву тозаи шоирро ошкор созад.

Диссертатсия аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, арзиши назариаш дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқи масъалаҳои матраҳшаванда ва равиши таҳқиқи муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгуни таърихи адабиёти давраи навини тоҷик, такомули назми ду даҳаи охири асри ХХ ва ду даҳаи аввали асри ХХ1, баррасии шеъри даврони Истиқлоли тоҷик, инъикоси ғояҳои баланди миллӣ дар лирикаи иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Аз ин рӯ, аз маводи рисола, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он метавон дар навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, баррасии масъалаҳои ҷудогонаи шеъри муосири тоҷик, таълифи китобҳои дарсии таърихи адабиёти муосири тоҷик дар давраи Истиқлол, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрантҳо, аспирантон ва

унвонҷӯёни факултетҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ истифода кард.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 7 мақола, аз ҷумла 5 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои

асосӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Худойдодов Аъзам Овлододович** – доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Аҳмадов Сафармад Гадомадович** – номазади илми филология, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илми филология, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ М. Нарзиқул

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илми филология, профессор,
аъзо шурои диссертатсионӣ А. Кӯчарзода

доктори илми филология, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ М.З. Низомӣ

«14» июни соли 2022.